ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

Бо қарори Шӯрои олимон
аз 29 декабри соли 2022,
протоколи № 5 тасдиқ шудааст.
Раиси Шӯрои олимон
________________Назарзода Х.Х.
«_30_» ___02_______ соли 2022

Бо Кумитаи иттифоқи касабаи
Кормандони донишгоҳ
аз 14 декабри соли 2022,
протоколи № 2.
Раиси КИК кормандон
________________Собиров Қ
«_14_» ___12_______ соли 2022

# ҚОИДАҲОИ
## ТАРТИБОТИ ДОХИЛИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе 2022

## ПЕШГУФТОР

Қоидаҳои тартиботи дохилии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон яке аз санадҳои асосии меъёрии ҳуқуқии идоракунии Донишгоҳ ба ҳисоб рафта, иҷрои он аз тарафи ҳайати роҳбарикунанда, омӯзгорон, кормандону донишҷӯён ва шунавандагони курсҳо ҳатмӣ мебошад. Санади меъёрии ҳуқуқии мазкур уҳдадориҳои раёсат, омӯзгорону донишҷӯён ва ташкили раванди таълим, инчунин масъалаҳои ба он марбут, риояи интизоми меҳнат дар саҳни Донишгоҳ, биноҳои таълимӣ ва утоқҳои корӣ, ҳавасмандгардонии омӯзгорон, кормандону донишҷӯён дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ ва таҳсил, инчунин дигар самтҳои фаъолияти онҳоро муайян мекунад.

Ҳадафи Қоидаҳои тартиботи дохилии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба низом даровардани муносибатҳои меҳнатӣ ва интизоми меҳнатӣ омӯзгорону кормандон ва низоми таҳсили донишҷӯён, магистрҳо, докторантон ва шунавандагон ба шумор меравад.

Ин ҳуҷҷат хусусияти таълимӣ, ахлоқӣ ва амалӣ дошта, барои ҳалли масъалаҳои тарбияи ҳуқуқӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ, муносибати сарфакорона ба вақт, ҳифзи моликияти донишгоҳ, этикаи корию расмӣ, ҳимояи моликият, пешгирӣ аз зуҳуроти қонуншиканиҳо ва ба монанди онҳо мусоидат менамояд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳуқуқ ба ҷои кори дорои музди меҳнат мутобиқ ба ҳаҷму сифати кор ва на камтар аз ҳадди ақали маоши аз тарафи давлат муқарраршударо дорад. Дар ин маврид ҳуқуқи интихоби касб, навъи машғулият, намуди фаъолият мувофиқи дараҷаю унвони илмӣ, қобилият, малакаи касбӣ, маълумот ва талаботи ҷомеа ба эътибор гирифта мешавад.
2. Вазифаи бошарафи ҳар як шахси қобили меҳнат дар соҳаи интихобкардааш аз рӯи виҷдон софдилона меҳнат кардан ва интизоми меҳнатро риоя кардан аст.
3. Интизоми меҳнат – риояи талаботи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилии мазкур.
4. Қоидаҳои тартиботи дохилии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (минбаъд Қоидаҳои тартиботи дохилӣ) дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи Донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Вазифаи асосии он таъмини интизоми меҳнат ва таҳсил бо такмил додани шароити сохторию иқтисодӣ барои кори муътадилу маҳсулнок ва мавҷуд будани муносибати оқилона ва меҳнати поквиҷдонона мебошад.

## 2. УҲДАДОРИҲОИ АСОСИИ КОРМАНДОН, ОМӮЗГОРОН ВА ДОНИШҶӮЁН

5. Кормандони Донишгоҳ уҳдадоранд:

- аз рӯи виҷдон амал карда, талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилии мазкурро риоя кунанд, дақиқ ва сари вақт супоришҳои раёсатро иҷро намоянд, аз вақти корӣ маҳсулнок истифода баранд, аз амале, ки боиси халалдоршавии фаъолияти кории кормандони дигар мешавад, худдорӣ намоянд;
- интизоми меҳнат, техникаи бехатарӣ, қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва қоидаҳои зидди сӯхторро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ риоя намоянд;
- барои сари вақт бартараф намудани сабаб ва шароите, ки ба фаъолияти мунтазами меҳнатӣ монеъ мешаванд ва ё онро халалдор мекунанд, чораҳо андешанд ва раёсатро аз вазъияти ба миён омада огоҳ созанд;
- интизоми нигоҳдорӣ, ҳифзи ҳуҷҷатҳо ва арзишҳои моддиро риоя намоянд;
- дар ҳифз ва афзунгардонии моликият, босамару боэҳтиёт истифода намудани таҷҳизоту асбоб ва васоити таълимӣ, сару либоси махсус ва дигар ашёе, ки барои истифодаи кормандон дода мешавад, сарфакорона ва оқилона сарф намудани ашёи хом, мавод, қувваи барқ, сӯзишворӣ ва дигар захираҳои моддӣ, масъулияти пурраро ҳис кунад;
- ба ҳар хел кирдору рафторҳои ношоиста даст назанад, ки боиси паст гардидани рейтинги донишгоҳ ва дигар шахсон мегардад;
- ҳамеша рафтори шоиста дошта, қоидаҳои хобгоҳ ва маҳалли сукунати ҷамъиятиро риоя намоянд;
- қобилияти касбӣ (тахассусӣ) ва кории худро мунтазам такмил диҳанд.

6. Ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳ уҳдадоранд:

- кори таълимӣ ва методиро мувофиқи тахассуси худ дар сатҳи баланд пеш баранд;
- дар татбиқи таҷрибаи пешқадам ва ҷорӣ намудани шаклу услубҳои интерактивии таълим саҳмгузор бошанд;
- бо донишҷӯён, магистрҳо, аспирантон ва докторантҳо кори тарбиявӣ баранд ва дар мавриди зарурат берун аз вақти таълимӣ низ дар ин самт фаъолият баранд;
- мунтазам тадқиқоти илмӣ, таълимӣ- методӣ гузаронанд ва барои татбиқи натиҷаҳои он, дар истеҳсолот саҳмгузор бошанд;
- ба камолоти илмию омӯзгорӣ мунтазам машғул шуда, ба талаботи муосири касбӣ ҷавобгӯ бошанд;
- дониши назариявӣ, таҷрибаи амалӣ, усули таҳқиқи илмию малакаи омӯзгории худро пайваста инкишоф диҳанд ва дар тайёр намудани мутахассисони баландихтисос саҳмгузор бошанд;
- дермонӣ ба дарсҳо ва дарсшиканӣ роҳ надиҳанд;
- дар самти донишандӯзии мустақилона ба донишҷӯёну магистрҳо, аспирантон ва докторантҳо ёрӣ расонанд, барои мукаммал гардидани ҳайати донишҷӯёну аспирантон рушд ба харҷ диҳанд;

– ба корҳои илмӣ-тадқиқотии магистрҳо, докторантҳо ва донишҷӯён роҳнамоӣ кунанд;
– сари вақт бо масъулияти баланд вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузоштаро иҷро намуда, интизоми меҳнатро риоя намоянд;
– тибқи талаботи низоми кредитии таҳсилот донишҷӯёнро бо барномаҳои кори фан (силлабус) ва маводҳои таълимии тақсимшаванда таъмин намоянд;
– ҳуҷҷатгузории таълимиро (сари вақт пур кардани журналҳои дарсӣ ва КМРУ, пешниҳоди хаттӣ барои аз фан хориҷ кардан дар сурати зиёда аз 25% дарсшиканӣ аз ҷониби донишҷӯ ва ғайра) риоя намоянд;
– ҷадвали навбатдории шабонарӯзии омӯзгоронро бечунучаро иҷро намоянд;
– доимо рафтори шоиста дошта, дар муошират бо кормандон, ҳамкорон, донишҷӯён суханҳои қабеҳро истифода набаранд;
– дар раванди таълим аз телефонҳои мобилӣ истифода набаранд;
– барои мунтазам баланд бардоштани самаранокии фаъолияти касбии худ кӯшиш намоянд;
– бо хатмкардагони донишгоҳ пайваста алоқа намуда, аз кору фаъолияти истеҳсолии онҳо натиҷагирӣ намоянд ва дар асоси он кори таълимӣ, илмӣ ва тарбиявии донишҷӯёнро такмил диҳанд.

7. Ходимони илмии донишгоҳ уҳдадоранд:

– кори илмию тадқиқотии худро дар вақти муқарраршуда, дар сатҳи баланди илмию назариявӣ ва таълимӣ-методӣ ба сомон расонанд;
– дар татбиқи тадқиқотҳои илмии шартномавӣ бо донишгоҳ, корхонаҳо ва ташкилотҳо ширкат варзанд;
– татбиқи натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотиро дар истеҳсолот таъмин намоянд;
– дар арзишмандӣ, сатҳи илмӣ-методии тадқиқот, иҷрои саривақтии он асоснокӣ ва сифати дастовардҳои тадқиқот масъул бошанд;
– ба ҳар хел кирдору рафторҳои ношоиста даст назананд, ки боиси паст гардидани рейтинги донишгоҳ ва дигар шахсон мегардад;
– рафти иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва сарфакорона истифода намудани ҳама захираҳои қобили заруратро дар ин самт назорат намоянд.

8. Ходимони коргоҳҳои илмӣ-истеҳсолӣ, паркҳои технологӣ уҳдадоранд:

– - маҳсулнокии меҳнатро дар донишгоҳ тақвият ва такмил диҳанд, кори худро мувофиқи супориш, меъёри истеҳсол ва вазифаҳои истеҳсолӣ дар доираи талаботи Оинномаи донишгоҳ ба иҷро расонанд;
– - сифати кор ва маҳсулотро таъмин намуда, ба ғалаткорӣ, риоя накардани интизоми истеҳсолӣ (технологӣ) роҳ надиҳанд;
– - озода нигоҳ доштани ҷойи корӣ, тартиби супоридани таҷҳизот ва васоити корӣ ба ҳамкори навбатии худ дар ҳолати кории дурусту мураттаб, нигоҳ доштани тозагӣ дар коргоҳ ва ҳамчунин дар тамоми донишгоҳро риоя намоянд;

- - барои сари вақт бартараф намудани сабаб, манбаъ ва шароите, ки ба фаъолияти мунтазами меҳнатӣ монеъ мешаванд ва ё онро халалдор мекунанд, чора андешанд ва раёсатро аз вазъияти ба амал омада хабардор кунанд.

9. Маҷмӯи вазифаҳои кор, ки аз тарафи ҳар як ходим ва корманд мувофиқи вазифа, тахассус, унвон ва дараҷаи касбӣ ба иҷро мерасонад, дар матолибномаи меъёр ва дараҷагузории касбӣ-тахассусӣ, қоидаҳои техникӣ, дастурамали вазифавӣ, низомномаҳои тибқи қонун тасдиқ ва қабулшуда муқаррар мегардад.
10. Донишҷӯён, магистрҳо, аспирантон ва докторантони Донишгоҳ уҳдадоранд:

- пайваста дар машғулиятҳои назариявӣ ва амалию озмоишгоҳӣ иштирок намуда, мувофиқи тахассуси интихобнамуда мунтазам ва сари вақт дониши назарӣ ва асосҳои малакаи амалиро касб кунанд;
- дониши илмӣ-назариявиро доро бошанд, дараҷаи илмӣ ва фарҳангии худро такмил диҳанд, дар корҳои ҷамъиятии факултет ва Донишгоҳ фаъолона иштирок намоянд;
- дар тӯли таҳсил малакаву маҳорати баланди касбӣ (тахассусӣ), илмию амалӣ ташкилотчии корҳои ҷамъиятӣ ва тарбиявиро касб кунанд;
- ба дарс ва машғулиятҳо мунтазам ва дар вақташ иштирок намуда, ҳамагуна супоришҳоро, ки мутобиқи нақшаи таълим ва барномаҳои таълимӣ пешбинӣ шудаанд, саривақт иҷро намояд;
- дар корҳои барои ҷамъият манфиатнок фаъолона иштирок намоянд;
- нишондодҳои Қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва тартиботи хобгоҳи донишҷӯёнро комилан риоя намоянд;
- дониш ва дигар чорабиниҳои ҷамъиятиро дар миёни омма, ки аз тарафи донишгоҳ гузаронида мешавад, тарғиб намояд;
- дар раванди таълим аз телефонҳои мобилӣ истифода набарад;
- ба дарс дер накунад ва дар вақти дарс бо овозҳои баланд сухан гуфта, раванди таълимро вайрон накунад;
- ба донишгоҳ ба мошини шахсӣ набиёянд;
- ба ҳар хел кирдору рафторҳои ношоиста даст назананд, ки боиси паст гардидани рейтинги донишгоҳ ва дигар донишҷӯён мегардад;
- дар иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ иштирок намоянд.

11. Кормандони хоҷагидорӣ уҳдадоранд:

- сари вақт бо масъулияти баланд вазифаҳои ба зимма гузоштаи онҳоро иҷро намуда, интизоми меҳнатро риоя намоянд;
- талаботҳои бехатарии техникӣ, зиддисухтор ва садамавиро таъмин намуда, барои сари вақт бартараф намудани натиҷаҳои садамаҳо ҳиссагузор бошанд, сарфакорона истифода намудани маводҳоро барои иҷрои вазифаи хизматӣ таъмин намоянд;
- дар ҳифз ва нигоҳдории молу мулк, босамар истифода намудани дастгоҳҳо, воситаҳои корӣ, мошину механизмҳо масъуланд;
- риояи ҷадвалҳои навбатдории шабонарӯзиро бе чунучаро иҷро намоянд;

– доимо рафтори шоиста дошта, талаботи Қоидаҳои дохилии мазкурро риоя намоянд;
– ба ҳар хел кирдору рафторҳои ношоиста даст назананд, ки боиси паст гардидани рейтинги донишгоҳ ва дигар шахсон мегардад;
– дар шанбегиҳо ва дигар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок намояд;
– барои мунтазам баланд бардоштани фаъолияти касбии худ кӯшиш намоянд.

12. Дар мавриди бо сабаби узрнок ба дарс наомадан донишҷӯ вазифадор аст, ки на дертар аз рӯзи дуюми ғоиб будан раёсати факултетро хабардор намуда, дар рӯзи аввали ба дарс ҳозир шудан ба факултет ҳуҷҷати расмӣ, ки сабаби ғоиб будани ӯро тасдиқ мекунад, пешниҳод намояд. Дар мавриди бемор будани донишҷӯ ҳуҷҷати бемории муассисаи табобатиро бо қайди бунгоҳи тиббии донишгоҳ пешниҳод менамояд. Дар ҳолати пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои зарурии тасдиқкунанда дар асоси пешниҳоди факултет раёсати донишгоҳ метавонад, онҳоро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хориҷ намояд.

13. Донишҷӯён, магистрҳо, аспирантон ва докторантҳо бояд ба тамоми таҷҳизоту васоити таълимӣ ва кори донишгоҳ (асбоб, китоб, васоити таълим, дастгоҳ ва ғ.) эҳтиёткорона муносибат кунанд. Аз толори таълимӣ, утоқҳои дарсию корӣ, озмоишгоҳҳо (лабораторияҳо) баровардан ва берун бурдани асбобу таҷҳизот ва дастгоҳу ашёҳои гуногун аз тарафи онҳо қатъиян манъ аст.

14. Донишҷӯён, магистрҳо, аспирантон ва докторантҳо бояд бо интизому бо тартиб бошанд, ҳам дар донишгоҳ ва ҳам дар ҷойҳои ҷамъиятӣ симову рафтори намунавӣ ва ахлоқи ҳамида дошта бошанд.

15. Донишҷӯён ба шахсони мутасаддие, ки тозагӣ ва тартиботи зарурӣро дар толорҳо ва утоқҳои таълимӣ ва истеҳсолии донишгоҳ таъмин мекунанд, ҳамдастӣ намоянд.

## 3.УҲДАДОРИҲОИ АСОСИИ КОРФАРМО (РАЁСАТИ ДОНИШГОҲ)

16. Корфармо (раёсати Донишгоҳ) уҳдадор аст:

– фаъолияти мунтазами меҳнатии ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони донишгоҳро таъмин намуда, мутобиқати тахассусӣ, унвон ва дараҷаи илмию касбии омӯзгорон, кормандонро назорат кунад ва ҳар як кормандро бо ҷойи кории муайян таъин намояд ва дар баробари он кормандро бо вазифаи кориаш шинос намуда, фаъолияти пурраи меҳнатиро барои кормандон дар рӯзи корӣ ва ё басти корӣ таъмин гардонад. Шароити комили меҳнат, бехатарии меҳнат ва дурустии дастгоҳу таҷҳизотро фароҳам оварад;
– ба омӯзгорон нақшаи машғулиятҳои таълимӣ ва ҷадвали дарсиро саривақт пешниҳод намуда, барои соли нави таҳсил нақшаҳои инфиродии таълимию методӣ, илмию тадқиқотӣ ва дигар навъи кору фаъолияти кормандон ва ҳайати профессорону омӯзгоронро тасдиқ намояд;

- шароити заруриро барои тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб тибқи талаботи истеҳсолот ва хоҷагидории замони муосир бо истифода аз дастовардҳои навини илмӣ, фанниву фарҳангӣ, бо назардошти дурнамо ва амалигардонии усулҳои навини таълим фароҳам оварда, механиконидани корҳои вазнинро дар коргоҳҳои хоҷагидорӣ ва таълимӣ-истеҳсолӣ суръат диҳад;
- корҳои тарбиявиро бо кормандон, аспирантон, магистрҳо, унвонҷӯён ва донишҷӯён ба роҳ монда, барои корҳои тарбиявӣ, фарҳангию фароғатӣ, дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ва машғулиятҳои эҷодиёти бадеи шароит фароҳам оварад;
- пешниҳод ва дархостҳои омӯзгорону олимон ва кормандони Донишгоҳ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятиро, ки барои беҳтар гардидани корҳои тадқиқотӣ, таълимӣ, истеҳсолӣ ва сохтори коргузорӣ пешбарӣ мешаванд, баррасӣ ва дар амал татбиқ намуда, кормандону омӯзгорони масъулиятшинос ва беҳтаринро дастгирӣ ва ҳавасманд намояд;
- интизоми қатъии меҳнат ва таълимиро таъмин намуда, барои мустаҳкам кардани интизоми меҳнат чораҳои тарбиявӣ ва коршиноси гузаронад, исрофи вақти кориро барҳам диҳад, истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатиро таъмин намояд, ба ҳамдастии коллективҳои меҳнатӣ ба вайронкунандагони интизоми меҳнатӣ чораҳо андешад;
- ба таври қатъӣ ба нишондодҳои Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қоидаҳои ҳифзи меҳнатро риоя кунад, шароити меҳнат ва таълимиро дар Донишгоҳ беҳтар намояд. Тамоми ҷойҳои кориро бо таҷҳизоти зарурӣро таъмин намуда, дар ҷойҳои корӣ мувофиқи қоидаҳои амалкунандаи ҳифзи меҳнат (техникаи бехатарӣ, қоидаҳои санитарӣ ва мисоли ин) раванди корро фароҳам оварад. Дар ҳолати дар маҷмӯи қоидаҳои ҳифзи меҳнат мавҷуд набудани он меъёрҳое, ки риояи онҳо бехатарии шароити меҳнатро таъмин менамояд, раёсат бо мувофиқат ва дастгирии Кумитаи иттифоқи касабаи кормандон барои ислоҳи нуқсонҳо чораҳои зарурӣро андешад;
- барои пешгирии маъюбшавӣ ва бемориҳои касбӣ дар истеҳсолот ва таълим мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷораҳои зарурӣ андешад. Дар мавриди мавҷуд будани муҳити зарарноки корӣ дар коргоҳҳою озмоишгоҳҳо ба кормандон имтиёз ва ҷуброни молиявӣ (вақти кори кӯтоҳ, рухсатии иловагӣ ва дигар имтиёзҳоро) дастрас гардонида, тарзи дуруст ва самаранок истифода бурдани онҳоро назорат кунад;
- аз тарафи омӯзгорон кормандон, аспирантон, магистрҳо ва донишҷӯён риоя гардидани техникаи бехатарӣ, қоидаҳои санитарӣ ва гигиенӣ ва қоидаҳои зидди сӯхторро назорат намуда, дониши онҳоро оид ба масоили мазкур санҷад;
- бунёди дурусти ҷобаҷогузории таҷҳизот, ашё, хати гармӣ, равшандиҳӣ, ҳавософкуниро таъмин намояд, барои нигоҳдории сару либоси кормандон, аспирантон, магистрҳо ва донишҷӯён шароити фароҳам орад;

- истифодаи дурусти шарту тартиби пардохти музди кор ва амалигардонии меъёрҳои меҳнатиро таъмин намуда, пардохти музди меҳнат ва идрорпулии донишҷӯёнро дар вақти муқарраршуда таъмин гардонад;
- барои баланд бардоштани самараи корҳои тарбиявӣ, таълимӣ- методӣ ва илмӣ-тадқиқотии кормандон, аспирантон, магистрҳо ва донишҷӯён, беҳтар намудани сифати фаъолияти корӣ, оқилона истифода бурдани вақти корӣ, ашё, мавод, нерӯи барқ ва дигар захираҳои моддиву молиявӣ дар баланд бардоштани ҷанбаи моддӣ ва ахлоқии меҳнати маҳсулнок, дар ҳалли масъалаҳои ҳавасмангардонии кормандони коллективҳои меҳнатӣ чораҳо андешад;
- навовариву кашфиёт ва пешниҳоди лоиҳаҳои илмию-инноватсиониро саривақт баррасӣ намуда, натиҷаи онҳоро дар амалия татбиқ намояд, барои навоварони истеҳсолот имтиёз фароҳам оварда, онҳоро ҳавасманд гардонад, ба инкишофи самти илмӣ-тадқиқотӣ мусоидат намояд;
- ба инкишофи мунтазами дараҷаи касбӣ-тахассусӣ ва шароити иқтисодию молиявии кормандон мусоидат кунад, шароити ба ҳам омӯзиш додани таълим ва фаъолияти меҳнатиро дар Донишгоҳ ва истеҳсолот фароҳам оварад;
- барои коллективи меҳнатӣ шароити заруриро дар иҷрои кору вазифаҳояшон фароҳам оварда, барои онҳо муҳити дурусти коргузорӣ ва эҷодӣ муҳайё созад, ташаббускории кормандонро дастгирӣ намояд, саҳми онҳоро дар идора намудани донишгоҳ бо истифода аз ҷаласаҳои Шӯрои олимон, раёсат, ҷаласаҳои мушовараи доимӣ, конференсияҳо ва дигар намудҳои тадорукотии ҷамъиятӣ пазируфта, саривақт эродҳои танқидии кормандонро баррасӣ намояд ва баҳри ислоҳи камбудоҳои ҷойдошта кӯшад ва аз натиҷаи он ба кормандон хабар диҳад;
- ба матлаб ва ниёзи кормандон муносибати ҷиддӣ намуда, барои беҳдошт ва рушди шароити зист ва истироҳати кормандон шароит муҳайё кунад. Барои тармим ва таъмини таҷҳизоти зарурии биноҳои корӣ, таълимӣ, истиқоматӣ, хобгоҳҳо, марказҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, муассисаҳои ҳифзи тандурустӣ, толорҳои варзишӣ, нуқтаҳои хӯроки умумӣ ва савдо чораҳои зарурӣ бинад ва сохтмонҳои истиқоматии инфиродӣ ва кооперативӣ (дастҷамъӣ), беҳдошти шароити зист мувофиқи эҳтиёҷи кормандон ёрӣ расонад. Зимни тақсимоти макони зист ва ҳалли масъалаҳои ба он марбут ба нишондоди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя намуда, матлаби Кумитаи иттифоқи касабаи донишгоҳ ва розигии аксарияти кормандонро ба эътибор гирад.

17. Раванди таълим, кори илмӣ-тадқиқотӣ, корҳои маданӣ-равшаннамоӣ, тарбиявӣ, корҳои ҳифзи тандурустӣ ва оммавии ҷисмониро бо таҷҳизот, мавод, асбобҳои зарурӣ таъмин намояд.
18. Раёсати донишгоҳ вазифа ва уҳдадориҳои худро аз рӯи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонва дар мавридҳои зарурӣ бо розигии Кумитаи иттифоқи касабаи кормандон ва коллективи меҳнатӣ амалӣ мегардонад.

## 4. ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ

19. Машғулиятҳои таълимӣ тибқи ҷадвали дарсӣ мувофиқи нақшаи таълимӣ, ки аз рӯи тартиботи мавҷуда тасдиқ шудаанд, баргузор мегарданд.
20. 20. Барои мувофиқат кунонидани нақшаи таълимӣ маҳдуд намудани вақти таътил манъ аст.
21. Ҷадвали дарсӣ барои як нимсола (семестр) тартиб дода шуда, дар муҳлати 5 рӯз пеш аз оғози дарсҳои нимсола ба тахтаи умумии ҷадвалҳо овехта мешавад. Барои гузаронидани дарсҳои факултатавӣ ва иловагӣ ҷадвали ҷудогона таҳия карда мешавад. Сарбории таълимии аудиторӣ донишҷӯён дар ҳолати бидуни вобастагии истеҳсолӣ ба ҳамаи намуди машғулиятҳои таълимии дараҷаи бакалавр-30-32 соат, аз рӯи нақшаи таълимии дараҷаи магистр-18-22 ва аз рӯи нақшаи таълимии мутахассис-27-30 соат дар як ҳафта муқаррар карда мешавад.
22. Вақти машғулияти таълимӣ барои гурӯҳҳои низоми анъанавии таҳсилот 80 дақиқа ва барои гурӯҳҳои низоми кредитии таҳсилот 50 дақиқа муайян шудааст. Аз саршавӣ ва интиҳои вақти машғулияти таълимӣ омӯзгорон, донишҷӯён ва кормандон бо задани занг бохабар мешаванд. Баъди анҷоми машғулияти таълимӣ танаффуси 10 дақиқа муқаррар шудааст. Дар давоми рӯзи таълимӣ, яъне баъди соати сеюм танаффуси калон (хӯроки нисфирӯзӣ) на камтар аз 20 дақиқа муқаррар карда шудааст. Дар ҳолати машғулиятҳо дар як баст будан.
23. Баъди занги даромад ба синфхона даромадани донишҷӯён манъ аст. Баъд аз оғози дарсҳо дар ҳама толору утоқҳо ва синфхонаҳо риояи оромӣ ва тартибот барои низоми раванди таълим таъмин карда мешавад. Дар раванди дарс қатъ кардани машғулиятҳои таълимӣ ва ба синфхона даромадану аз он баромадан манъ аст.
24. То оғози машғулиятҳои таълимӣ (дар танаффусҳои байни дарсҳо) дар толорҳои таълимӣ, лабораторияҳо ва озмоишгоҳҳо, коргоҳ ва синфхонаҳои дарсӣ васоити таълимии зарурӣ, таҷҳизоти зарурии таълимӣ барои дарсгузаронӣ омода карда мешаванд.
25. Дар машғулиятҳои амалӣ ва лабараторӣ дар синфхонаҳо ва лабораторияҳо донишҷӯён ба гурӯҳҳои ҷудогонаи таълимӣ тақсим карда мешаванд. Ҳайати гурӯҳҳои таълимии донишҷӯён вобаста ба хусусияти дарсҳои амалӣ бо фармоиши ректор муқаррар ва тасдиқ карда мешаванд.
26. Дар ҳар як гурӯҳ аз тарафи декани факултет аз ҳисоби донишҷӯёни фаъол ва боинтизом сардори гурӯҳ интихоб карда мешавад, ки сардори гурӯҳ пайваста бо раиси иттифоқи касабаи гурӯҳ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятии факултет кор мебаранд.
27. Сардори гурӯҳ ба садорати факултет итоат мекунад ва иҷрои супоришу нишондодҳои декани факултет ва муовинони ӯро дар гурӯҳ таъмин менамояд.
28. Вазифаҳои сардори гурӯҳ чунинанд:
   - қайди ҳамарӯзаи иштироки ҳар як донишҷӯ ба ҳамаи дарсу машғулиятҳо;
   - қабул, тоза нигоҳ доштан ва ҳамарӯза пас аз дарс ба деканати факултет супоридани журналҳои дарсӣ;

- пешниҳоди арздошт ё маълумотнома ба декани факултет дар бораи бо сабабҳои узрнок ва ё бесабаб ба дарсу машғулиятҳои таълимӣ, корҳои ҷамъиятӣ иштирок накардан ва дер мондани донишҷӯёни гурӯҳ;
- назорат ба тартибу интизоми гурӯҳ дар раванди машғулиятҳои таълимӣ ва нигоҳдошти таҷҳизоти синфхонаҳо ва озмоишгоҳҳои таълимӣ;
- созмон додани васоит ва таҷҳизоти таълимӣ дар гурӯҳ;
- сари вақт огоҳ намудани донишҷӯёни гурӯҳ оид ба тағйироти ҷадвали дарсӣ ва раванди таълим;
- таъини навбатдор аз ҳисоби донишҷӯёни гурӯҳ.

29. Дар ҳар як гурӯҳ журнали қайди давомоти донишҷӯён мавҷуд аст, ки он дар факултет нигоҳдорӣ шуда, ҳар рӯз ба сардори гурӯҳ барои қайд кардани иштирок ва давомоти донишҷӯён аз ҷониби омӯзгорон дода мешавад.

## 5. ТАРТИБОТ ДАР БИНОҲОИ КОРӢ ВА ТАЪЛИМӢ

30. Масъулияти беҳдошт ва таъмини шароити корӣ дар утоқҳои таълимӣ ва корӣ (мавҷудияти ҷевонҳои дурусти корӣ, таҷҳизоти таълимӣ, нигоҳдошти ҳарорати муътадил, рушноӣ ва мисоли инҳо) ба зиммаи сардори Раёсати хоҷагидорӣ гузошта шудааст.
31. Ба дурустӣ ва дар ҳолати корӣ қарор доштани таҷҳизот дар озмоишгоҳҳо, утоқҳои таълимӣ, тайёрии васоити таълимӣ ва таъмини онҳо мудирони кафедраҳо, лаборантҳо ва операторҳо масъул мебошанд.
32. Дар утоқҳои корӣ, толорҳои фарҳангӣ ва биноҳои таълимии донишгоҳ чунин амалу рафтор аз тарафи кормандон, омӯзгорон ва донишҷӯён қатъиян манъ аст:

- бо палто ва кулоҳ дар дарс ва дигар чорабиниҳо иштирок кардан;
- сигору нос кашидан;
- истеъмоли нӯшокии спиртӣ;
- овардан, нигоҳ доштан ва истифодаи маводи мадҳушкунанда ва нашъаовар;
- дар ҳолати сархушӣ ва нашъамандӣ ҳозир шудан;
- ба дарс дер кардан ва ба раванди таълим халал расонидан;
- дар раванди дарс гуфтугӯ кардан бо телефонҳои мобилӣ;
- бе сару либоси расмӣ, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ба донишгоҳ омадан.

33. Дар саҳни донишгоҳ, утоқҳои корӣ, толорҳои фарҳангӣ ва биноҳои таълимии донишгоҳ чунин амалу рафтор аз тарафи шунавандагон, донишҷӯён, магистрҳо, аспирантон ва унвонҷӯён қатъиян манъ аст:

- сигору нос кашидан;
- бо палто ва кулоҳ будан дар дарс ва дигар чорабиниҳо иштирок кардан;
- баланд гап задан, мағал кардан, дар даҳлезҳо ҳангоми дарс гаштугузор кардан;
- истеъмоли нӯшокии спиртӣ;
- овардан, нигоҳ доштан ва истифодаи маводи мадҳушкунанда ва нашъаовар;

- дар ҳолати сархушӣ ва нашъамандӣ ҳозир шудан;
- ба донишгоҳ ворид кардани шахсони бегона;
- дар раванди дарс гуфтугӯ кардан бо телефонҳои мобилӣ;
- бе ҷузвдон ва маводҳои таълимӣ ҳозир шудан ба дарс;
- ба дарс дер кардан ва ба раванди таълим халал расонидан;
- бо мошинҳои шахсии сабукрав омадан ба донишгоҳ;
- бе сару либосе, ки дар Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми ҶумҳурииТоҷикистон тасдиқшуда омадан ба донишгоҳ.

34. Ба биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳои донишгоҳ бо либосҳое, ки таблиғоти ғайр дошта, дорои ҳаргуна навиштаҷот мебошанд, аз қабили либосҳои суратдор, нимурён, куртаҳои пур аз навиштаҷот, сатр, ҳиҷоб, шимҳои аз ҳад зиёд танг ворид шудан қатъиян манъ аст.
35. Қоидаҳои истиқомат дар хобгоҳҳо бо санади дигари тасдиқгардидаи ректори донишгоҳ ба танзим дароварда мешавад.
36. Раёсати донишгоҳ масъул аст, ки ҳифз ва нигоҳдошти моликият, таҷҳизот, молу мулк ва тармими зарурии биноҳоро таъмин намояд.
37. Ҳифзи биноҳо ва моликияти донишгоҳ бо фармоиши ректори донишгоҳ ва масъулияти ходимони маъмурӣ-хоҷагидории донишгоҳ вогузор карда мешавад.
38. Дар донишгоҳ рӯзҳои қабули шаҳрвандон аз тарафи раёсат бо тариқи зайл аст:

- ректор рӯзҳои чоршанбе аз соати $10^{00}$ то соати $12^{00}$ ва шанбе аз соати $08^{00}$ то $10^{00}$;
- муовини якум, муовини ректор оид ба таълим рӯзҳои сешанбе аз соати $14^{00}$ то $16^{00}$, панҷшанбе аз соати $10^{00}$ то $12^{00}$ ва ҷумъа аз соати $14^{00}$ то $16^{00}$;
- муовини ректор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ рӯзҳои сешанбе аз соати $10^{00}$ то $12^{00}$, панҷшанбе аз соати $08^{00}$ то $10^{00}$ ва ҷумъа аз соати $10^{00}$ то $12^{00}$;
- муовини ректор оид ба тарбия рӯзҳои душанбе аз соати $14^{00}$ то $16^{00}$, чоршанбе аз соати $08^{00}$ то $10^{00}$ ва шанбе аз соати $10^{00}$ то $12^{00}$.

39. Роҳбарони дигар сохторҳои таркибии Донишгоҳ, деканҳои факултетҳо, муовинони деканҳо ва мудирони кафедраҳо вақтҳои қабули худро бо назардошти вақти кории идора факултет ва кафедраҳо муқаррар мекунанд.
40. Калидҳо аз толорҳои биноҳои таълимӣ, синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо ва коргоҳҳо бояд дар дасти шахси масъули ҳифз ва нигоҳдошти биноҳои таълимӣ бошанд ва мутобиқи рӯйхати аз тарафи муовини ректор оид ба корҳои таълиму тарбия тасдиқшуда ба мутасаддиён дар вақти корӣ дода мешаванд.
41. Ба донишҷӯён додани калидҳо аз толорҳои биноҳои таълимӣ, синфхонаҳо, озмоишгоҳҳо ва коргоҳҳо манъ аст.
42. Қоидаҳои тартиботи дохилии Донишгоҳро дар факултетҳою кафедраҳо ва сохторҳои таркибии донишгоҳ дар лавҳаҳои ҷудогона нигоҳ дошта, бо он

ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон, унвонҷӯён аспирантону докторантон, магистрҳо ва донишҷӯён шинос карда мешаванд.

## 6. ҲАВАСМАНДГАРДОНӢ БАРОИ КОМЁБИҲО ДАР ФАЪОЛИЯТИ МЕҲНАТӢ ВА ТАҲСИЛ

43. Барои иҷрои намунавии уҳдадориҳои меҳнатӣ, баланд бардоштани самаранокии меҳнат, кори маҳсулноки тӯлонӣ, навоварӣ дар фаъолияти меҳнатӣ ва дигар комёбиҳои меҳнатӣ барои омӯзгорон ва кормандон ҳавасмандкунӣ ва қадршиносӣ ба тартиби зайл муқарар карда мешавад:
   - эълони раҳматнома;
   - додани мукофоти пулӣ;
   - додани тухфаҳои қимматнок ва хотиравӣ;
   - сарфароз гардонидан бо ифтихорнома;
   - пешниҳод ба мукофотҳои соҳавӣ ва давлатӣ;
   - дар китоби фахрӣ ва лавҳаи фахрӣ сабт кардан.
44. Сархатҳои «1», «2», «3» ва «4» бо ваколати раёсат ва сархатҳои «5» «6» бо мувофиқаи Кумитаи иттифоқи касабаи омӯзгорону кормандон амалӣ мегарданд.
45. Зимни амалӣ гардонидани сархатҳои зикршуда оид ба ҳавасмандгардонии омӯзгорону кормандон, фикру андешаи коллективи меҳнатӣ бо эътибор гирифта мешавад ва тавассути фармоиши ректор ба расмият даровarda шуда, барои маълумот ба дафтарчаи меҳнатӣ сабт мегардад.
46. Ба кормандону омӯзгороне, ки уҳдадориҳо ва вазифаҳои кории худро поквиҷдонона иҷро менамоянд, имтиёзҳо дар хизматрасонии иҷтимоӣ-маданӣ ва соҳаи хоҷагӣ дода мешаванд. Чунин кормандон дар фаъолияти корӣ имтиёзи болоравӣ дар вазифаро доранд.
47. Барои хизмати арзанда омӯзгорону кормандони донишгоҳ, барои дарёфти мукофотҳои давлатӣ ба Раёсати Иттифоқи Тоҷикматлубот ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.
48. Коллективҳои меҳнатӣ барои комёбиҳои меҳнатии кормандон меъёрҳои ҳавасмандгардонии ҷамъиятиро истифода мебаранд ва ҳамчунин кормандонро ба ҳавасмандкунии моддӣ, молиявӣ ва маънавӣ пешбарӣ мекунанд, фикру андешаи худро барои пешниҳоди номзадҳо ба мукофот ва ифтихорномаҳои давлатӣ баён менамоянд.
49. Барои иштирок ва азхудкунии намунавии дарсҳо, ширкати фаъолона дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ҷамъиятии донишгоҳ барои донишҷӯён, магистрҳо ва аспирантон меъёрҳои зерини ҳавасмандгардонӣ ва имтиёзҳо мавҷуданд:
   - эълон кардани раҳматнома;
   - додани мукофоти пулӣ;
   - додани тухфаҳои қимматнок ва хотиравӣ;
   - сарфароз гардонидан бо ифтихорнома.
50. Имтиёз ва ҳавасмандгардонӣ бо фармоиши ректор ба расмият даровarda шуда, бо мувофиқаи Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён ва созмони ҷавонон дар ҷаласаи умумидонишгоҳӣ ва факултетӣ эълон карда мешавад.

Нусха аз қарор дар бораи имтиёз ва ҳавасмандгардонии донишҷӯ, магистр ва аспирант дар парвандаи шахсии онҳо нигоҳ дошта мешавад.

## 7. РЕҶАИ ВОРИДШАВӢ БА ДОНИШГОҲ ВА ХОБГОҲҲО

51. Воридшавӣ ба биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳои донишгоҳ тибқи ҷадвали муайяншуда ба роҳ монда мешавад.
52. Донишҷӯён ба биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳо бо билети донишҷӯӣ дохил мешаванд.
53. Воридшавӣ ба биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳои Донишгоҳ аз соати $7^{00}$ то соати $20^{00}$ муқаррар шудааст.

## 8. ҶАВОБГАРӢ БАРОИ РИОЯ НАКАРДАНИ ИНТИЗОМИ МЕҲНАТ ВА ТАЛАБОТИ ҚОИДАҲОИ МАЗКУР

54. Риоя накардани талаботи Оиннома, Қоидаҳои тартиботи дохилии донишгоҳ, интизоми меҳнат, яъне иҷро накардан ё ба таври лозимӣ иҷро накардани вазифа ва уҳдадориҳои меҳнатӣ аз тарафи кормандон ва омӯзгорон зарурати истифода бурдани ҷазои интизомӣ ва усулҳои таъсирбахши ҷамъиятиро пеш меорад.
55. Барои вайрон кардани интизоми меҳнат раёсати донишгоҳ ҷазои зерини интизомиро истифода мебарад:
    - огоҳӣ (шифоҳӣ);
    - сарзаниш;
    - танбеҳ;
    - танбеҳи қатъӣ;
    - аз вазифа озод намудан.
56. Ҷазои интизомӣ аз тарафи ректори донишгоҳ татбиқ гардонида шуда, бо фармоиш эълон ва барасмият даровarда мешавад.
57. 57.Раёсати Донишгоҳ ҳуқуқ дорад, ки ба ҷойи истифода кардани ҷазои интизомӣ муҳокимаи кормандон ва омӯзгоронро ба коллективӣ меҳнатӣ ҳавола намояд.
58. То татбиқи ҷазои интизомӣ аз вайронкунандагони интизоми меҳнат ба таври хаттӣ баёнот гирифта мешавад. Саркашӣ намудани кормандон ва омӯзгорон аз додани баёнот раёсатро аз ҳуқуқи татбиқи ҷазои интизомӣ маҳрум намесозад.
59. Ҷазои интизомӣ аз тарафи раёсат барои вайрон кардани интизоми корӣ дар муҳлати на дертар аз як моҳе, ки аз вақти вайронкунии интизоми меҳнат мегузарад (ба ғайр аз вақти беморӣ, дар рухсатӣ будан ё дар сафари хизматӣ будан), дода мешавад. Ҷазои интизомӣ наметавонад пас аз 6 моҳи содир шудани кирдори интизомӣ татбиқ карда шавад. Дар ҳолатҳои муқарраркардаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии қонунгузорӣ ё муайян шудани кирдори интизомӣ дар натиҷаи санҷиш ё тафтиши фаъолияти молиявӣ-хоҷагии корфармо дар давоми ду соли содиршавии кирдори интизомӣ аз ҷониби корманд ҷазои интизомӣ дода мешавад. Ба муҳлатҳои мазкур вақти истеҳсолоти парвандаи ҷиноятӣ дохил намешавад.
60. Барои ҳар як кирдор танҳо як ҷазои интизомӣ дода мешавад.

61. Ҳангоми додани ҷазои интизомӣ зарари ҳуқуқвайронкунии интизомӣ, ки аз тарафи корманд содир шудааст, ҳолати рухдиҳии ин амал ва фаъолияти пешинаи кори корманд ва омӯзгор бояд ба эътибор гирифта шавад.
62. Фармоиш дар бораи ҷазои интизомӣ ва амалӣ намудани он ба корманд ё омӯзгоре, ки ҷазо ба ӯ равона шудааст, дар мӯҳлати на дертар аз се рӯз эълон карда мешавад. Фармоиш дар ҳолатҳои зарурӣ дар байни ҳамаи кормандони донишгоҳ эълон карда мешавад.
63. Агар дар давоми як сол корманд ба ҳуқуқвайронкунии интизомӣ роҳ надиҳад, фаъолияти хуб нишон диҳад, ҷазои пешинаи интизомӣ аз ӯ бардошта мешавад.
64. Раёсат бо ташаббуси худ ва бо пешниҳоди коллективи меҳнатӣ метавонад барои ҷазои интизомии ба корманд додашуда новобаста ба он ки мӯҳлати муҷозот ба охир расидааст ё не, фармоиши бекор кардани ҷазои интизомиро барорад ва ин дар ҳолате метавонад баргузор гардад, ки корманд ба халалдор гардидани интизоми меҳнат роҳ надиҳад ва аз рӯи виҷдон кор кунад.
65. Дар мӯҳлате, ки ҷазои интизомӣ қувваи амалкунанда дорад, имтиёз ва ҳавасмандгардонӣ мувофиқи қоидаҳои расмӣ нисбат ба кормандони ҷазо дида раво дониста намешавад.
66. Коллективи меҳнатӣ низ ҳуқуқ дорад, ҷазои интизомии кормандон ва омӯзгоронро новобаста ба хотима ёфтани мӯҳлати он бозгирад ва ё барои пасгирифтани маҳдудиятҳое, ки раёсат нисбат ба кормандон барои вайрон кордани интизоми меҳнат гузоштааст, дархост намояд. Шарти ин аз тарафи корманд ва устод минбаъд вайрон накардани интизоми меҳнат ва кору фаъолияти фаъолона кардан аст.
67. Барои риоя накардани талаботҳои Оинномаи донишгоҳ, Қоидаҳои мазкур, раванди таълиму тарбия ва вайрон кардани тартиботи дохилии хобгоҳҳо ба донишҷӯёну шунавандагон магистрҳо, аспирантон ва докторантон ҷазои интизомӣ дар шакли зайл пешбинӣ шудааст:
   - огоҳӣ (шифоҳӣ);
   - сарзаниш;
   - танбеҳ;
   - танбеҳи қатъӣ;
   - аз донишгоҳ хориҷ намудан;
   - дар ҳолати ба донишгоҳ ҳозир шудани донишҷӯ бо мошини сабукрави шахсӣ, ӯ аз донишгоҳ хориҷ карда мешавад бе ҳуқуқи барқароршавӣ то муҳлати се сол.
68. Ҷазои интизомӣ, ки барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дода мешавад, ки бояд на дертар аз як моҳи рух додану ошкор намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ мегардад. Ҷазои интизомӣ дар мӯҳлати на дертар аз 6 моҳ бояд амалӣ гардад.
69. Хориҷ кардани донишҷӯён аз донишгоҳ дар ҳолате сурат мегирад, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ заминаҳои асоснок мавҷуд бошанд.

70. Дар вақти хориҷ кардани донишҷӯ аз донишгоҳ, баёноти донишҷӯ, ҳамфикрии кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён, ҳамфикрии сарпараст, маълумотномаи садорати факултет ё протоколҳои ҷаласаи садорат ва дигар ҳуҷҷатҳои асосноккунӣ ҳатман гирифта мешавад.

**Эзоҳ:**

Пеш аз додани ҷазои интизомӣ дар намуди сарзаниш, танбеҳ ва танбеҳи қатъӣ аз омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён баёноти хаттӣ гирифта мешавад. Аз додани баёнот саркаши намудани омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён барои додани муҷозот монеъ шуда наметавонад. (Танҳо дар протокол бояд қайд кард, ки донишҷӯ аз додани баёнот саркашӣ намуд ва санад омода карда мешавад).

## 9. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

71. Доираи амали Қоидаҳои тартиботи дохилӣ тамоми омӯзгорон, кормандон, донишҷӯён, шунавандагон, магистрҳо, аспирантон, докторантон ва унвонҷӯёни Донишгоҳро фаро мегирад.
72. Риоя ва иҷрои Қоидаҳои тартиботи дохилӣ барои тамоми кормандон, омӯзгорон ва донишҷӯён, шунавандагон, аспирантон, магистрҳо ва докторантҳои Донишгоҳ ҳатмӣ мебошад.
73. Қоидаҳои тартиботи дохилӣ пас аз тасдиқ дар Шӯрои олимони Донишгоҳ ва имзо аз тарафи ректори донишгоҳ мавриди амал қарор мегирад.